ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Кахарова Дилдора Сидиковна ба рисолаи доктории Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна дар мавзӯи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдуд мавриди ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.6. Педагогикаи махсус пешниҳод шудааст. - Душанбе, 2026.

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати муосири ҷаҳонии маориф таъмини ҳуқуқи ҳар як инсон ба таҳсил, фароҳам овардани шароит барои рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак, инчунин таъмини имкониятҳои баробар барои иштироки ӯ дар ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Ин вазифаҳо махсусан нисбат ба хонандагони имкониятташон маҳдуд, ки ба фароҳам овардани шароитҳои махсуси ташкилӣ-педагогӣ барои таъмини инкишофи зеҳнӣ, эҷодӣ ва иҷтимоии онҳо ниёз доранд, аҳамияти калон пайдо мекунанд.

Дар шароити муосир рушди низоми маориф такмили мазмун, шакл ва усулҳои таълими хонандагони имкониятташон маҳдуд, инчунин кашфи иқтидори зеҳнӣ ва эҷодии онҳоро дар назар дорад. Иқтидори таълимии ин категорияи хонандагон манбаи муҳими ташаккули шахсият, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва ҳамгироии минбаъдаи онҳо ба ҷомеа мебошад. Дар робита ба ин, дар назди низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи эҷоди модели самараноки ҳамроҳии хонандагони имкониятташон маҳдуд қарор дорад, ки на танҳо ба азхудкунии маводи таълимӣ, балки ба инкишофи қобилиятҳо, мустақилият ва фаъолнокии эҷодии онҳо нигаронида шудааст.

Аз ин нуқтаи назар, мавзӯи рисолаи докторӣ Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдуд мавриди ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ» мубрам буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ бо зарурати асосноккунии илмии шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ, ки инкишофи самараноки қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдудро тавассути ҳамгироии раванди таълим ва фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ таъмин мекунанд, муайян карда мешавад.

ЗАКРЫТОЕ АКЦИОНЕРНОЕ ОБЩЕСТВО "ИНТУРИСТ-ТАДЖИКИСТАН"
Intourist TAJIKISTAN
ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПӮШИДАИ "ИНТУРИСТ-ТОҶИКИСТОН"
CLOSED STOCK COMPANY "INTOURIST-TAJIKISTAN"
ТАРҶУМА ДУРУСТ АСТ / ПЕРЕВОД ВЕРЕН
TRANSLATION IS CORRECT
DATE 29.10.26
Signature
Address: 22 Shotemur str. Dushanbe city, Tajikistan (Somoni region)
Tel: +992 (44) 600-99-66, Mob: 93 575 40 41, Fax: (44) 600-99-11

Таҳияи шароитҳои ташкилӣ-педагогие, ки на танҳо дастрасии хонандагони имконияташон маҳдудро ба таҳсилоти умумӣ, балки инкишофи ҳамаҷонибаи зеҳнӣ, эҷодӣ ва шахсияти онҳоро таъмин мекунанд, аҳамияти махсус пайдо мекунад. Чӣ тавре ки Рамазонова Р.С. қайд мекунад, барои ҳалли ин вазифа ҳамгироии раванди таълим бо фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ имкониятҳои назаррас фароҳам меорад, зеро он ба тавсеаи муҳити таълимӣ, рушди фаъолнокии маърифатӣ ва эҷодии хонандагон, ташаккули малакаҳои муошират ва мутобиқшавии иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Маҳз аз ҳамин сабаб ҳамгироии раванди таълим бо фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Маҳфилҳои эҷодӣ метавонанд ҳамчун муҳити самараноки педагогӣ барои рушди қобилиятҳои инфиродии хонандагон ва васеъкунии имкониятҳои худшиносии онҳо баромад кунанд. Иштирок дар фаъолияти мусиқӣ, тасвирӣ, меҳнатӣ ва дигар намудҳои фаъолияти эҷодӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки таҷрибаи кори мустақилона, худрушддиҳӣ ва ҳамкориро пайдо кунанд, ташаббус нишон диҳанд ва роҳҳои ҳалли эҷодии вазифаҳои гуногунро аз худ кунанд.

Аз ин нуқтаи назар, фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ набояд ҳамчун самти ҷудогонае, ки берун аз раванди таълим вуҷуд дорад, баррасӣ карда шавад. Баръакс, ҳамгироии мақсадноки таълим ва фаъолияти эҷодӣ метавонад ташаккули муҳити ягонаи рушддиҳандаи таълимиро таъмин намояд. Дар чунин муҳит хонанда пеш аз ҳама аз нуқтаи назари қобилиятҳо, манфиатҳо, эҳтиёҷот ва иқтидори рушди ӯ, на аз рӯи маҳдудиятҳои ҷойдоштааш баррасӣ мешавад.

Ҳадафи таҳқиқот аз ҳалли мушкилоти мубрами педагогикаи махсус, ки бо асосноккунии илмӣ, таҳия ва татбиқи шароитҳои ташкилӣ-педагогии инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имкониятаташон маҳдуд алоқаманд аст, иборат мебошад.

Хусусияти мусбати гузориши ҳадафи таҳқиқоти Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна дар он аст, ки инкишофи қобилиятҳои хонандагон дар доираи раванди комили педагогӣ бо назардошти имкониятҳои ҳамгироии таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ, аз ҷумла тавассути ворид намудани фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ ба муҳити таълимӣ баррасӣ мешавад.

Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ хусусияти маҷмӯӣ дошта, аз рӯи се самти бо ҳам алоқаманд амалӣ карда мешавад: асосноккунии назариявии мушкилоти омӯхташаванда, таҳияи шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва санҷиши

таҷрибавии самаранокии онҳо. Чунин сохтор ба мантиқи таҳқиқоти педагогӣ мувофиқ буда, гузариши пайдарпайро аз таҳлили назариявии мушкилот ба эҷод ва озмоиши модели - амалии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд таъмин мекунад.

Вазифаҳои таҳқиқот дар маҷмӯъ аз ҳадаф ва мавзӯи диссертатсия бармеоянд ва марҳилаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ-педагогиро инъикос мекунанд.

Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна асосҳои назариявӣ ва методологии мушкилоти омӯхташавандаро пайдарпай баррасӣ мекунад, ташхиси сатҳи ибтидоии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагонро мегузаронад, шароитҳои ташкилӣ-педагогии инкишофи онҳоро ошкор ва асоснок мекунад, моделҳо ва барномаҳои мувофиқро таҳия менамояд, инчунин санҷиши таҷрибавии самаранокии онҳоро амалӣ месозад. Чунин пайдарпайии гузориш ва ҳалли вазифаҳо ба мантиқи таҳқиқоти илмӣ мувофиқат мекунад ва аз муносибати системавии диссертант ба омӯзиши мушкилоти баррасишаванда шаҳодат медиҳад.

Объекти таҳқиқот – раванди рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони маъюбиятдошта дар шароити таҳсилоти махсус ва иловагӣ дуруст муайян карда шудааст ва соҳаи умумии падидаи педагогии омӯхташавандаро инъикос мекунад. Мазмуни объект ба мавзӯи эълоншуда мувофиқат мекунад ва имкон медиҳад, ки рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон дар робита бо ташкили раванди таълим ва иштироки онҳо дар фаъолияти эҷодӣ баррасӣ карда шавад.

Мавзӯи таҳқиқотро шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони маъюбиятдошта тавассути ҳамгироии раванди таълим бо фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ ташкил медиҳанд. Ин формулировка объекти таҳқиқотро мушаххас мегардонад ва ҷанбаи муҳимтарини онро – муайянкунӣ, асосноккунӣ ва татбиқи шароитҳое, ки рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагонро дар раванди ҳамгироии таҳсилоти умумӣ (махсус) ва фаъолияти иловагии эҷодӣ таъмин мекунанд, инъикос менамояд.

Фарзияи таҳқиқот ба он фарзия асос меёбад, ки рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони маъюбиятдошта дар шароити таҳсилоти махсус ва иловагӣ дар сурати эҷод ва татбиқи шароитҳои мақсадноки ташкилӣ-педагогӣ, ки ҳамгироии фаъолияти таълимӣ ва эҷодиро таъмин мекунанд, самараноктар амалӣ хоҳад шуд. Ба фарзияи ташаккулёфта баҳои мусбат дода,

қайд кардан зарур аст, ки муаллиф натиҷабахшии инкишофи қобилиятҳоро ҳамчун вобаста ба маҷмӯи омилҳои ба ҳам алоқаманд, аз ҷумла ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродии хонандагон, татбиқи муносибати инфиродӣ, ҳамгироии фаъолияти таълимӣ ва эҷодӣ, инчунин истифодаи иқтидори ислоҳӣ-рушддиҳандаи маҳфилҳои эҷодӣ баррасӣ мекунад. Чунин сохтмони фарзия ба объект, предмет ва ҳадафи таҳқиқот мувофиқат мекунад ва барои санҷиши таҷрибавии минбаъдаи муқаррароти пешбаришуда асос мегузорад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар маҷмӯъ ба ҳадаф, объект, предмет ва вазифаҳои он мувофиқат мекунад ва натиҷаҳои асосии аз ҷониби муаллиф бадастомадаро инъикос менамояд. Ҷанбаи муҳими навгонии илмӣ баррасии инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони маъюбиятдошта дар шароити ҳамбастагии таҳсилоти махсус ва иловагӣ, инчунин ҳамгироии раванди таълим бо фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ мебошад.

Минбаъд, дар навгонӣ аз ҷониби диссертант Рамазонова Р.С. мазмуни ҷузъҳои ислоҳӣ-рушддиҳандаи рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони маъюбиятдошта дар заминаи ҳамгироии фаъолияти таълимӣ ва фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ мушаххас карда шудааст. Инчунин, хусусиятҳои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони маъюбиятдошта бо назардошти хусусият ва дараҷаи маҳдудиятҳои онҳо муайян карда шудаанд. Ин муқаррарот аҳамияти муҳими педагогӣ дорад, зеро самаранокии таъсири таълимӣ ва рушддиҳанда бевосита бо назардошти имкониятҳои инфиродӣ, хусусиятҳои равонӣ, физиологӣ ва педагогии хонандагон алоқаманд аст. Дар робита ба ин, асосноккунии имкониятҳои истифодаи намудҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ – расмкашӣ, мусиқӣ, меҳнат ва дигар шаклҳои эҷодиёт барои ташкили кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ бо хонандагон сазовори баҳои мусбат аст. Махсусан бояд қайд кард, ки аз ҷониби унвонҷӯ Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна модели ташкили фаъолияти хонандагони маъюбиятдошта дар маҳфилҳои эҷодӣ дар низоми таҳсилоти махсус ва иловагӣ таҳия ва асоснок карда шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи педагогикаи махсус, психология, педагогикаи ислоҳӣ, назария ва методикаи таҳсилоти иловагӣ, инчунин муқаррароти илмие, ки қонуниятҳои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони дорои эҳтиёҷоти махсуси таълимиро ошкор мекунанд, ташкил додаанд. Ҷойи муҳимро дар таъмини

таҳқиқот ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқие ишғол мекунанд, ки ташкили таҳсилоти махсус ва иловагӣ ва фароҳам овардани шароит барои таълим ва рушди хонандагони маъюбиятдоштаро танзим менамоянд.

Натиҷаи назарраси **аҳамияти амалии таҳқиқот** аз таҳия ва озмоиши маводи методӣ, барномаҳои корӣ иборат аст, ки ба рушди фаъолнокии эҷодӣ, мустақилият ва малакаҳои муоширатии хонандагони имкониятташон маҳдуд дар маҳфилҳои санъати тасвирӣ, мусиқӣ ва фаъолияти меҳнатӣ равона карда шудаанд. Омода ва нашр намудани 16 дастури таълимӣ-методӣ, 25 мақола дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва 19 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои даврӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки маводи таҳқиқотӣ аллакай асоси амалиро барои татбиқ ташаккул додааст. Муқаррароти таҳияшударо метавонанд омӯзгорон, мутахассисони маҳфилҳои эҷодӣ дар муассисаҳои махсус ва иловагӣ истифода баранд.

Дар маҷмӯъ, асоси назариявӣ-методологии таҳқиқот ба ҳадаф, объект, предмет ва вазифаҳои он мувофиқат мекунад ва пойгоҳи зарурии илмиро барои таҳияи шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва санҷиши минбаъдаи таҷрибавию озмоишии онҳо фароҳам меорад.

Дар мавриди мувофиқати мавзӯи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, бояд таъкид кард, ки предмет ва мазмуни кори диссертатсионии Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна дар мавзӯи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдуд мавриди ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ», пурра ба рамзи ихтисоси илмии 5.3.6. Педагогикаи махсус мувофиқат мекунад. Дар таҳқиқот ҳамаи талаботҳои шиносномаи ин ихтисос, ки ба таҳияи муносибатҳои нав, усулҳо, таҳияи низоми таълими хонандагони имкониятташон маҳдуд дар асоси ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ дахл доранд, ҳамаҷониба ба назар гирифта шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, чордаҳ фасл, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, ҳаҷми он 392 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад, аз ҷумла 6 диаграмма, 6 нақша, 8 ҷадвал, 9 модул, 13 ҷадвали ҷамъбастӣ ва 371 истиноди адабиёт.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва методологии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдуд» аз се параграф иборат буда, ба баррасии асосҳои назариявӣ-методологии рушди

қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони маъюбиятдошта дар низоми таҳсилоти махсус ва иловагӣ бахшида шудааст. Мазмуни боб асоси назариявии заруриро барои асосноккунии минбаъдаи шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва таҳияи модели рушди қобилиятҳои хонандагон ташаккул медиҳад.

Дар ин боб муаллиф мушкилоти рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони маъюбиятдоштаро аз нуқтаи назари педагогикаи махсус, психологияи педагогӣ ва маорифи муосир баррасӣ мекунад. Бояд кӯшиши диссертантро ҷиҳати кушодани мазмуни мафҳумҳои асосие, ки қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодиро тавсиф мекунанд, хусусиятҳои рушди хонандагони дорои эҳтиёҷоти махсуси таълимӣ, инчунин имкониятҳои муҳити таълимӣ ва фаъолияти эҷодиро дар рушди шахсияти хонанда мусбат қайд кард.

Баррасии робитаи байни фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва эҷодӣ муҳим аст, ки ин ба самти умумии таҳқиқот мувофиқат мекунад ва барои асосноккунии минбаъдаи ҳамгироии раванди таълим бо фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ заминаҳои назариявӣ фароҳам меорад. Таҳлили адабиёти илмӣ ба муаллиф имкон дод, ки муносибатҳои мавҷударо ба мушкилоти баррасишаванда ба низом дарорад, дараҷаи коркарди назариявии онро муайян кунад ва мавқеи шахсии худро доир ба ҷанбаҳои алоҳидаи таҳқиқот баён намояд.

Дар маҷмӯъ, мазмуни боби якум ба ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия мувофиқат мекунад ва таҳлили назариявии пешниҳодшуда заминаи заруриро барои гузариш ба баррасии шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва механизмҳои амалии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон фароҳам меорад.

Боби дуюми диссертатсия «Шароитҳои илмӣ ва педагогӣ барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имкониятташон маҳдуд дар низоми таҳсилоти махсус ва иловагӣ» ба яке аз масъалаҳои марказии таҳқиқот – муайянкунӣ ва асосноккунии шароитҳои педагогии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони маъюбиятдошта дар низоми таҳсилоти махсус ва иловагӣ бахшида шудааст.

Дар ин боб муаллиф омилҳои асосии педагогӣ ва ташкилиро, ки ба рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон таъсир мерасонанд, баррасӣ намуда, имкониятҳои ҳамгироии раванди таълимро бо фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ ошкор месозад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки аз баррасии муқаррароти умумии назариявӣ, ки дар боби якум пешниҳод шудаанд, ба

муайян кардани шароитҳои мушаххаси ташкили раванди педагогӣ бо назардошти имкониятҳои инфиродӣ ва эҳтиёҷоти таълимии хонандагон гузариш карда шавад.

Бояд мусбат қайд кард, ки рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон на ба таври ҷудогона, балки дар заминаи муҳити яхлитулаи таълимӣ-эҷодӣ, ки фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва эҷодиро муттаҳид мекунад, баррасӣ мешавад. Ин ба предмети таҳқиқот мувофиқат мекунад ва бевосита бо ғояи асосии он – истифодаи иқтидори маҳфилҳои эҷодӣ дар рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони маъюбиятдошта алоқаманд аст.

Мазмуни боби дуюм дар маҷмӯъ ба асосноккунии шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ мусоидат мекунад, ки ҳамчун асоси таҳияи минбаъдаи модел ва санҷиши таҷрибавию озмоишии он хизмат мекунанд, ки ин пайдарпайӣ ва мантиқи дохилии таҳқиқотро таъмин менамояд.

Боби сеюми диссертатсия «Доираҳои эҷодӣ ҳамчун муҳит барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд» ба омӯзиши нақш ва имкониятҳои педагогии маҳфилҳои эҷодӣ ҳамчун муҳити рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони маъюбиятдошта бахшида шудааст. Мазмуни боб бевосита бо мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот алоқаманд буда, марҳилаи муҳими гузаришро аз асосноккунии назариявии мушкилот ба татбиқи амалии муносибатҳои педагогии пешниҳодшуда муаррифӣ мекунад.

Бояд мусбат қайд кард, ки муаллиф маҳфилҳои эҷодиро на танҳо ҳамчун шакли ташкили фаъолияти беруназдарсӣ, балки ҳамчун муҳити таълимии махсус ташкилшудаи рушддиҳанда баррасӣ мекунад. Дар раванди фаъолияти эҷодӣ ба хонандагон имконият дода мешавад, ки ташаббус нишон диҳанд, қобилиятҳои инфиродии худро кушоянд, супоришҳои эҷодиро мустақилона иҷро кунанд, бо дигар иштирокчиёни раванди таълим ҳамкорӣ кунанд ва натиҷаҳои фаъолияти худро арзёбӣ намоянд. Чунин муносибат ба ғояи асосии диссертатсия дар бораи зарурати ҳамгироии раванди таълим ва фаъолияти эҷодӣ мувофиқат мекунад.

Қисми амалии таҳқиқот, аз ҷумла, дар заминаи Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати махсуси № 2 барои кӯдакони имконияташон маҳдуд» ва Муассисаи давлатии таҳсилоти умумии асосии «Мактаб-интернати №3 барои кӯдакони имконияташон маҳдуд»-и шаҳри Душанбе амалӣ карда шуд. Аз ҷониби муаллиф намудҳои гуногуни фаъолияти тасвирӣ ва эҷодӣ, аз ҷумла

иҷрои корҳои рассомӣ бо истифодаи маводҳои дастрас ва техникаҳои ғайрианъанавӣ озмуда шудаанд. Мисолҳои дар диссертатсия овардашуда оид ба ташкили фазои корӣ, интихоби мавод ва тарзҳои иҷрои супоришҳои эҷодӣ аз кӯшиши диссертант барои мутобиқ кардани мазмуни фаъолияти эҷодӣ ба имкониятҳо ва эҳтиёҷоти хонандагон шаҳодат медиҳанд.

Дар ин боб истифодаи супоришҳои эҷодӣ ҳамчун воситаи эҷоди фазои мусоиди эмотсионалӣ-равонӣ, барқарор кардани тамос ва рушди ҳамкории муоширатӣ қобили таваҷҷӯҳ аст. Ташкили фаъолияти муштараки эҷодӣ инчунин ҳамчун имконияти ташаккули муносибатҳои боэътимод, ҳамкории хонандагон ва бартараф намудани монеаҳои муоширатӣ баррасӣ мешавад. Дар ин ҷанба маҳфилҳои эҷодӣ на танҳо аҳамияти рушддиҳанда, балки иҷтимоӣ-муоширатӣ низ пайдо мекунанд.

Дар баробари ин, мисолҳои амалии пешниҳодшударо пеш аз ҳама ҳамчун тавсифи мазмун ва шаклҳои ташкили фаъолияти эҷодӣ бояд баррасӣ кард. Барои тасдиқ намудани маҳз самаранокии шароитҳои ташкилӣ-педагогии пешниҳодшуда зарур аст, ки маълумоти кори амалӣ бо меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон, ки аз ҷониби муаллиф таҳия шудаанд, инчунин бо натиҷаҳои марҳилаҳои муайянкунанда ва назоратии кори таҷрибавию озмоишӣ муқоиса карда шаванд.

Дар маҷмӯъ, мазмуни боби сеюм муқаррароти назариявиеро, ки дар бобҳои гузашта пешниҳод шудаанд, пурра мекунад ва имкониятҳои татбиқи амалии муносибати таҳияшударо намоиш медиҳад. Кӯшиши диссертант ҷиҳати мутобиқ кардани фаъолияти эҷодӣ ба имкониятҳои инфиродии хонандагон ва истифодаи иқтидори маҳфилҳои эҷодӣ барои рушди зеҳнӣ, эҷодӣ ва иҷтимоӣ-муоширатии онҳо аҳамияти махсус дорад.

Ҷанбаи мусбати боби сеюм дар он аст, ки муаллиф маҳфилҳои эҷодиро на танҳо ҳамчун шакли ташкили фаъолияти беруназсинфӣ, балки ҳамчун муҳити аз ҷиҳати педагогӣ рушддиҳанда баррасӣ мекунад, ки дар он хонандагон имконият пайдо мекунанд то қобилиятҳои инфиродии худро кушоянд, дар фаъолияти эҷодӣ мустақилона иштирок кунанд, ташаббус нишон диҳанд ва натиҷаҳои фаъолияти худро арзёбӣ намоянд. Маводҳои дар боб пешниҳодшуда аз кӯшиши диссертант барои мутобиқ кардани мазмун ва шаклҳои кори эҷодӣ ба имкониятҳои инфиродии хонандагон ва истифодаи иқтидори маҳфилҳои эҷодӣ барои рушди зеҳнӣ, эҷодӣ ва иҷтимоӣ-муоширатии онҳо шаҳодат медиҳанд.

Боби чоруми диссертатсия «тарҳрезӣ, татбиқ ва арзёбии самаранокии

барномаҳои маҳфилҳои эҷодӣ, барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд» ба таъмини амалии ташкили фаъолияти эҷодии хонандагони маъюбиятдошта дар низоми таҳсилоти иловагӣ бахшида шудааст. Мазмуни боб ба таҳияи муносибатҳои амалӣ оид ба банақшагирӣ ва ташкили фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ бо назардошти имкониятҳои инфиродӣ ва эҳтиёҷоти таълими хонандагон равона карда шудааст.

Дар фасли якум усулҳои таҳияи барномаи амалии маҳфилҳои эҷодӣ, ки ба рушди қобилиятҳои хонандагон тавассути намудҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ, аз ҷумла санъати тасвирӣ, сурудхонии хорӣ, рақс ва фаъолияти меҳнатӣ нигаронида шудаанд, баррасӣ мешаванд. Бояд мусбат қайд кард, ки диссертант кӯшиш намудааст то эҷодиётро на танҳо ҳамчун воситаи ба даст овардани дониш, малака ва маҳоратҳои муайян, балки ҳамчун манбаи педагогии рушди тафаккур, тасаввурот, соҳаи эмотсионалӣ, мустақилият ва эътимоди хонандагон ба имкониятҳои худ баррасӣ намояд.

Қоида дар бораи зарурати эҷоди муҳити мусоиди рушддиҳанда дар маҳфили эҷодӣ, ки ба хонандагон имконият медиҳад ташаббус нишон диҳанд, усулҳои иҷрои супоришҳоро мустақилона интихоб кунанд, маводҳои гуногунро аз худ кунанд ва тадриҷан ба қувваҳои худ эътимод пайдо кунанд, муҳим мебошад. Истифодаи усулҳои ҳавасмандкунӣ дар раванди таҷрибаи педагогӣ инчунин ба вазифаи баланд бардоштани фаъолият ва ҳавасмандии хонандагон дар фаъолияти эҷодӣ мувофиқат мекунад.

Ташкили ҳамкории хонандагони маъюбиятдошта бо ҳамсолонашон сазовори диққати махсус мебошад, зеро фаъолияти муштараки зеҳнӣ-эҷодӣ барои муошират, дастгирии мутақобила ва рушди малакаҳои иҷтимоӣ-муоширатӣ имкониятҳои иловагӣ фароҳам меорад. Ин ҷанба фаҳмиши иқтидори маҳфилҳои эҷодиро васеъ мекунад ва ба самти ҳамгироии таҳқиқот мувофиқат менамояд.

Дар маҷмӯъ, боби чорум самти амалии возеҳ дорад ва мазмун, шакл ва усулҳои татбиқи муносибати аз ҷониби муаллиф пешниҳодшударо мушаххас мегардонад. Маводҳои пешниҳодшуда моделҳои таҳияшударо пурра мекунанд ва асоси амалиро барои ташкили маҳфилҳои эҷодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти махсус ва иловагӣ фароҳам меоранд.

Боби панҷуми диссертатсия «корҳои таҷрибавӣ оид ба рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои махсуси таҳсилотӣ ва иловагӣ» ба ташкили кори таҷрибавию озмоишӣ ва таҳлили натиҷаҳои он бахшида шудааст. Мазмуни боб барои санҷиши фарзияи пешбаришуда ва арзёбии самаранокии шароитҳои ташкилӣ-педагогии таҳияшудаи рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони маъюбиятдошта аҳамияти бунёдӣ дорад.

Дар боб натиҷаҳои кори амалӣ, ки ба ҷалби хонандагон ба намудҳои гуногуни фаъолияти эҷодӣ – тасвирӣ, техникӣ, мусиқӣ ва дигар шаклҳои таҳсилоти иловагӣ алоқаманданд, пешниҳод шудаанд. Бояд кӯшиши диссертантро барои арзёбӣ намудани имкониятҳои маҳфилҳои эҷодӣ на танҳо дар рушди иқтидори эҷодии хонандагон, балки дар ташаккули ҳавасмандии онҳо ба фаъолияти эҷодӣ, омодагӣ ба иҷрои супоришҳои эҷодӣ, фаъолнокии муоширатӣ ва ҷалби иҷтимоӣ мусбат қайд кард.

Инчунин баррасии фаъолияти эҷодӣ дар заминаи ҳамкории таҳсилоти махсус ва иловагӣ, инчунин фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои иштироки хонандагони маъюбиятдошта дар фаъолияти муштараки таълимӣ ва эҷодӣ муҳим мебошад. Чунин муносибат ба самти ҳамгироии таҳқиқот мувофиқат мекунад ва имкон медиҳад, ки тасаввурот дар бораи имкониятҳои таҳсилоти иловагӣ дар рушди иқтидори инфиродии хонандагон васеъ карда шавад.

Натиҷаҳои пешниҳодшуда аз динамикаи мусбати хусусиятҳои алоҳида, ки бо фаъолнокии эҷодӣ ва омодагии хонандагон ба иштирок дар фаъолияти эҷодӣ алоқаманданд, шаҳодат медиҳанд. Диссертант Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна инчунин ба аҳамияти инфиродикунонии муносибатҳои педагогӣ ва ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродии хонандагон ҳангоми ташкили таҳсилоти иловагӣ диққат медиҳад.

Дар маҷмӯъ, боби панҷум қисми амалии таҳқиқотро ба анҷом мерасонад ва дорои маводҳое мебошад, ки имкон медиҳанд натиҷаҳои татбиқи шароитҳои ташкилӣ-педагогии пешниҳодшуда арзёбӣ карда шаванд. Маълумотҳои пешниҳодшуда дар якҷоягӣ бо маводҳои бобҳои гузашта заминаеро барои арзёбии дараҷаи ноил шудан ба ҳадафи таҳқиқот ва санҷиши фарзияи пешбаришуда фароҳам меоранд.

Дар маҷмӯъ, вазифаҳои таҳқиқот мантиқан бо ҳадафи гузошташуда алоқаманд буда, марҳилаҳои асосии ҷустуҷӯи илмиро фаро мегиранд: омӯзиши назариявии мушкилот, ташхиси аввалия, муайянкунӣ ва асосноккунии шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ, таҳияи модели воситаҳои педагогӣ, инчунин санҷиши таҷрибавию озмоишии онҳо. Чунин пайдарпайӣ аз яклухтии мақсади таҳқиқот шаҳодат медиҳад ва барои хулосабарорӣ дар бораи ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои илмии ташаккулёфта асос фароҳам меорад.

Дар қисмати ҷамъбастии диссертатсия муҳаққиқ ҷамъбасти мушаххас ва амиқи натиҷаҳои корро, ки дар бисту панҷ банди алоҳида баён шудаанд, пешниҳод менамояд ва пешниҳодҳои арзишманди илмӣ-назариявӣ ба миён мегузорад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбати қайдшуда ва мувофиқати таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботҳои асосие, ки ба таҳқиқотҳои илмӣ гузошта

мешаванд, кор аз муқаррарот ва камбудиҳои баҳсноки алоҳида холӣ нест, ки ба назари мо, аз ҷониби муаллиф ҳангоми такмили минбаъдаи таҳқиқот ба назар гирифта шуданашон мумкин аст.

1. Дар бахшҳои алоҳидаи диссертатсия такроршавии муқаррароти алоҳида ва ифодаҳои аз ҷиҳати мазмун наздик дучор меоянд. Дақиққунии иловагии таҳририи матн, рафъи такрорҳо ва тақвияти мухтасарии баёни илмӣ ба баланд бардоштани яклухтии сохторӣ ва равшании пешниҳоди натиҷаҳои таҳқиқот мусоидат мекард.

2. Ҳангоми истифодаи мафҳуми «арт-терапия» ба мақсад мувофиқ аст, ки онро аз мафҳумҳои фаъолияти эҷодӣ, ислоҳӣ-рушддиҳанда ва равонӣ-педагогӣ дақиқтар ҷудо намоем. Чунин дақиққунӣ имкон медод, ки аз номуайянии истилоҳотӣ канорагирӣ шавад ва ҳудуди истифодаи усулҳои дахлдор дар раванди таълим дақиқтар муайян гардад.

3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферат хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ мавҷуданд, ки таҳрир ва ислоҳро талаб мекунанд.

Эродҳои зикршуда асосан хусусияти баҳсбарангез ва тавсиявӣ доранд ва аҳамияти умумии илмии таҳқиқоти иҷрошуда, арзиши назариявӣ ва амалии онро коҳиш намедиҳанд. Ба назар гирифтани онҳо ҳангоми такмили минбаъдаи кор метавонад ба баланд бардоштани дақиқии дастгоҳи мафҳумӣ, мушаххасоти методӣ ва сифати баёни илмӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, таҳлили гузаронидашудаи диссертатсияи Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна дар мавзӯи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд мавриди ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ» имкон медиҳад қайд намоем, ки аз ҷониби муаллиф таҳқиқоти илмӣ-педагогии мустақилона, якмухт ва мукаммал оид ба мушкилоти мубрами педагогикаи махсус анҷом дода шудааст.

Аҳамияти илмии диссертатсия дар асосноккунии имкониятҳои ҳамгироии раванди таълим ва фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ ҳамчун яке аз самтҳои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагони дорои эҳтиёҷоти махсуси таълимӣ ифода меёбад. Аҳамияти амалии кор бо муносибатҳои таҳияшуда оид ба ташкили фаъолияти эҷодӣ, модел ва маводҳои барномавӣ-методӣ муайян карда мешавад, ки метавонанд дар фаъолияти муассисаҳои таълимии махсус ва низоми таҳсилоти иловагӣ истифода шаванд.

Сарфи назар аз эродҳои баёншуда ва муқаррароти баҳсноки алоҳида, ки асосан хусусияти тавсиявӣ доранд, онҳо арзиши умумии илмии таҳқиқоти иҷрошударо коҳиш намедиҳанд ва ба арзёбии мусбати натиҷаҳои асосии он монеа намешаванд. Диссертатсия дорои натиҷаҳои илмии мустақилонае мебошад, ки барои педагогикаи махсус аҳамияти муайяни назариявӣ ва амалӣ доранд.

Бо назардошти мубрамияти мушкилоти интихобшуда, навгонии илмии натиҷаҳои бадастомада, аҳамияти назариявӣ ва амалии онҳо, пайдарпайӣ ва мукаммалии таҳқиқоти гузаронидашуда, диссертатсияи Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна дар мавзӯи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии инкишофи кобилияти зеҳнию эҷодии хонандагони имконияташон маҳдуд мавриди ҳамгироии раванди таълим бо маҳфилҳои эҷодӣ» таҳқиқоти мукаммали илмӣ-тахассусиро муаррифӣ мекунад, ки ба профили ихтисоси 5.3.6 «Педагогикаи махсус» мувофиқат мекунад.

Кори диссертатсионӣ аз рӯи мазмун, сатҳи илмӣ, дараҷаи коркарди мушкилоти гузошташуда ва аҳамияти натиҷаҳои бадастомада ба талаботи Низомномаи намунавӣ дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, инчунин Замимаи 2 №591 аз 28 августи соли 2026, ки ба диссертатсияҳои докторӣ гузошта мешаванд, мувофиқат мекунад ва муаллифи он, Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна, сазовори додани дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.6 «Педагогикаи махсус» мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи психологияи
Донишгоҳи давлатии Бухоро *имзо* **Д.С. Кахарова**

Бадин минвол имзои доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Қаҳҳорова Дилдора Сидиқовнаро тасдиқ мекунам

Сардори департаменти
рушди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ
ва инноватсионии
Донишгоҳи давлатии Бухоро *имзо* **О.С. Каххоров**

Суроға: 200117. Ҷумҳурии Ӯзбекистон. ш. Бухоро кӯч. М. Иқбол 11.
Тел: 0 (365) 221-29-14 faks: 0 (365) 221-27-07 E-mail: buxdu_rektor@buxdu.uz

«15» 10. 2026 сол

Intourist TAJIKISTAN
ЗАКРЫТОЕ АКЦИОНЕРНОЕ ОБЩЕСТВО "ИНТУРИСТ-ТАДЖИКИСТАН"
ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПӮШИДАИ "ИНТУРИСТ-ТОҶИКИСТОН"
CLOSED STOCK COMPANY "INTOURIST-TAJIKISTAN"
ТАРҶУМА ДУРУСТ АСТ / ПЕРЕВОД ВЕРЕН
TRANSLATION IS CORRECT
DATE 29.10.26
Signature
Address: 22 Shotemur str. Dushanbe city, Tajikistan (Somoni region)
Tel: +992 (44) 600-99-66, Mob: 93 575 40 41, Fax: (44) 600-99-11

Шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

29.10 соли 2026 Ман, Ҷабборзода Мансур Ҷаббор, нотариуси давлатии идораи нотариалии ноҳияи Исмоили Сомони шаҳри Душанбе Ҷумҳурии Тоҷикистон дурустии имзои аз ҷониби тарҷумон Умарова Лайли дар ҳузури ман тузошударо тасдиқ мекунам. Шахсияти номбурда муқаррар карда шуд.

Дар феҳристи тахти №1- 922 ба қайд гирифта шудааст

Бочи давлати ситонида шудааст: 4.68

НОТАРИУСИ ДАВЛАТИ:

0515487